*УДК 327*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-3-133-141*

**РОҲБУРДИ ТУРКИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ЧОЛИШУ ФУРСАТҲО БАРОИ ТОҶИКИСТОН**

**Ризоён Шералӣ Шукруллозода,** *н.и.с., муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

**СТРАТЕГИЯ ТУРЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ВЫЗОВЫ И ВОЗМОЖНОСТИ ДЛЯ ТАДЖИКИСТАНА**

**Ризоён Шерали Шукруллозода,** *канд. полит. наук, ст. преподаватель каф. дипломатии и внешней политики РТ ТНУ (Душанбе, Таджикистан)*

**TURKEY'S STRATEGY IN CENTRAL ASIA: CHALLENGES AND OPPORTUNITIES FOR TAJIKISTAN**

**Rizoyon Sherali Shukrullozoda,** *Ph.D. of Political Sciences, Senior lecturer of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan, TNU (Dushanbe, Tajikistan)*
***e-mail**: sherali.rizoyon@tnu.tj*

*Роҳбурди Туркия дар Осиёи Марказӣ аз дидгоҳи манфиатҳои миллии Тоҷикистон баррасӣ гардида, аҳаммияту мубрамияти пажуҳиш дар низоми равобити Душанбе ва Анқара бозкушоӣ шудааст. Панҷ омили ҷолишбарангез барои Тоҷикистон аз сиёсати Туркия дар Осиёи Марказӣ, ба монанди пантуркизм ва навусмонизм, Созмони давлатҳои туркӣ, рақобату зиддияти бо қудратҳои беруна, масъалаи марзии Тоҷикистону Қирғизистон, таърихофарӣ барои минтақа баррасӣ мегардад. Дар ҷамъбаст фурсатҳо барои Тоҷикистон аз омили Туркия дар Осиёи Марказӣ дар шакли тавсияҳо пешкаш мешавад.*

**Калидвожаҳо:** *Тоҷикистон, Тукрия, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, чолишу фурсатҳо, сиёсати бисёрсамтӣ*

*Стратегия Турции в Центральной Азии рассматривается с точки зрения национальных интересов Таджикистана, а также раскрывается важность и значимость исследования системы отношений между Душанбе и Анкарой. Проанализированы пять факторов, формирующих вызовы для Таджикистана, связанные с политикой Турции в Центральной Азии, такие как пантюркизм и неоосманизм, "Организация тюркских Государств", конкуренция и противостояние с внешними державами, проблема таджикско-кыргызской границы и написание истории региона. В заключение в виде рекомендаций представлены возможности для Таджикистана от присутствия турецкого фактора в Центральной Азии.*

**Ключевые слова:** *Таджикистан, Турция, Центральная Азия, внешняя политика, национальные интересы, вызовы и возможности, многовекторная политика*

*The article dwells on Turkey's strategy in Central Asia which is examined from the point of view of Tajikistan's national interests, and the significance of the study in the system of relations between Dushanbe and Ankara is also explored. Five factors forming challenges for Tajikistan from Turkey's policy in Central Asia are considered, such as pan-Turkism and neo-Ottomanism, the Organization of Turkic States, competition and confrontation with external powers, the Tajik-Kyrgyz border dispute, Turkish accounts of the history of the Central Asian region. In conclusion, the possibilities for Tajikistan from the Turkish factor in Central Asia are presented in the form of recommendations.*

**Keywords:** *Tajikistan, Turkey, Central Asia, foreign policy, national interests, challenges and opportunities, multi-vector policy*

**Вуруд ба мавзуъ**

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифз ва татбиқи манфиатҳои миллии кишвар нигаронида шудааст [1]. Сиёсати "дарҳои кушода" ба унвони асоси он корбурд гардида, Душанбе сиёсати хориҷии бисёрсамтиро дар роҳбурди беруна роҳандозӣ мекунад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар перомуни равобит бо Туркия чунин омадааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи ҳамкории мутақобилан судмандро бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ҷалби сармоягузории он кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, истиқбол менамояд" [2]. Вазифаи асосии сиёсати хориҷии кишвар мусоидат ба татбиқи 4 ҳадафи роҳбурдии Тоҷикистон аст, ки дар "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" зикр ёфтаанд: 1) таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; 2) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ; 3) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; 4) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, ки саноатисозии босуръати кишварро [1, с.118] дар назар дорад.

Дар навиштаи мазкур маҳдудаи замонӣ муайян шуд, ки он аз соли 2015 то имрӯзро дар бар мегирад. Чунки моҳи январи соли 2015 Консепсияи амалкунандаи сиёсати хориҷии кишвар қабул гардид, ки тибқи он Тоҷикистон сиёсати хориҷии худсолори бисёрсамтиро ба таври воқеъбинона ва амалгароёна ба роҳ мемонад. Тавре маълум аст, соли 2022 сиёсати ҷаҳонӣ мураккаб, ҳассос ва буҳронӣ гардид, ки таъсири мустақими худро ба сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мерасонад. Ҳамчунин меъмории ояндаи сиёсию амниятӣ ва аслҳои машруияти низоми равобити байналмилал дар ҳоли шаклгирӣ аст. Ҳамин омилҳо барои сиёсати хориҷии Тоҷикистон силсилаи чолиш ва фурсатҳоро ба вуҷуд меорад, ки баҳсу баррасии онҳо дар иртибот ба рӯйкарди Туркия дар Осиёи Марказӣ махсусан муҳим мебошанд.

***Ҳадафу вазифаи пажуҳиш*** арзёбии вижагиҳои роҳбурди Туркия дар Осиёи Марказӣ ва муайян кардани чолишу фурсатҳои барои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

**Омили Туркия дар Осиёи Марказӣ: чолишу фурсатҳо барои Тоҷикистон.** Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақили бисёрсамтиро ба таври воқеъбинона ва амалгароёна роҳандозӣ менамояд, ки меҳвари он ҳифз ва татбиқи манфиатҳои миллӣ мебошад. Солҳои охир, барои сиёсати хориҷии мамлакат чолишу фурсатҳои муайяне падидор шуданд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ зикр карданд: "*Солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад. Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва огози марҳалаи "ҷанги сард" боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқуъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид*" [3]. Ин таҳлили зарифи Пешвои миллат дар назди пажуҳишгарони илмҳои сиёсии ватанӣ вазифаҳои муайянеро мегузорад. Чун дар марҳилаи ҳассоси равобити байналмилал анҷоми таҳлилҳои тоҷикистонмеҳвар [4], ҷустуҷӯйи роҳҳои мусоиди ҳифзу татбиқи манфиатҳои миллӣ ва тақвияти суботу амнияти кишвар аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравaнд. Бо назардошти ҳамин нукта ба чанде аз чолишу фурсатҳо барои Тоҷикистон дар чаҳорчӯби амалкарди Туркия дар Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ мекунем, то ҳадафи навиштаи мазкур равшан гардад.

**Омили пантуркизм ва навусмонизм**. Андешаи пантуркизм дар ҷуғрофиёи Туркия дар охири асри XIX пайдо мешавад. Профессор С.Муллоҷон ҳафт омили зуҳури онро [5, с. 11-12] зикр карда, менависад, ки "шаклгирии ҷараёни пантуркизм дар шароити нави

таърихӣ... қабл аз ҳама, бар асоси воқеияти таърихӣ ва бо назардошти манофеи миллӣ таҳқиқу баррасӣ гардад. Ормони таъсиси кишвари ягонаи туркҳо ҳанӯз аз миён нарафтааст. Дар ҷаҳони имрӯз кӯшишҳое барои дар оянда фароҳам овардани замина барои иттиҳоди ҷаҳони турк ба амал бароварда мешавад” [5, с. 16]. Дар Тоҷикистон нисбат ба пантуркизм назари мусбат надоранд, чун ба он гаравидани нухбагони худӣ дар аввали асри XX, боиси шикасту талафоти азиме гардид. Чунин бархӯрд бештар бархоста аз хотираи таърихӣ аст. Рӯйкард нисбат ба пантуркизм дар Осиёи Марказӣ якранг нест, аз диди мусбат то эҳтиёткорона ва манфӣ ба назар мерасад. Як бахше аз нухбагони кишварҳои Осиёи Марказӣ пантуркизмро ҳамчун манбаи муҳими эҳёи ҳувиятии худ медонанд. Ҳамчун давлати худсолор ба ин ҳақ ҳам доранд ва дар ин самт иқдомҳои зиёдеро амалӣ карданд ва дар оянда амалӣ хоҳанд кард. Пас саволҳое ба миён меоянд, ки 1) бо вуҷуди бим нисбат ба пантуркизм, рӯйкарди мо чӣ гуна бояд бошад? 2) ривояти дохилиминтақавӣ дар мавриди ҳувияти “осиёимарказиасл” чӣ аст? 3) густариши ҳувияти умумитуркӣ чӣ таъсире ба Тоҷикистон расонида метавонад? ва ғайра. Пайдо кардани посух ба ин саволҳо мушкил аст, вале аз диди рӯйкарди амалгароӣ мекӯшем ибрози назар кунем:

*Нахуст,* аз рӯйи гуфтумони омиёна ва амалӣ пантуркизм ҳамчун андеша зиёда аз як аср дар Туркия таблиғу истифода мешавад. Дар арафаи 100 -солагии таъсиси Ҷумҳурии Туркия, аз рӯйи “умқи стратегӣ” [6] ба густариши нуфузи Анқара бояд хидмат кунад ва ин кишварро ба “қудрати марказӣ” табдил диҳад. Ҳамин падидаро пажуҳишгарон ҳамчун “навусмонизм” маънидод мекунанд, ки бархоста аз таҷрибаи давлатдории Туркия мебошад. Анқара дар Осиёи Марказӣ аз мувофиқтарин абзор, яъне аз умумияти забонию ҳамтаборӣ истифода мекунад ва ҳар кишваре дигаре агар чунин тавонмандиҳо медошт, аз он кор мегирифт.

*Дуюм*, бо назардошти “ошноӣ”-и зиндаи мардуми тоҷик бо ҷараёни пантуркизм таҳлилгари ватанӣ П.Муллоҷонов чунин мешуморад, ки “тоҷикон бояд аз пантуркизм на ҳамчун омили беруна, балки ҳамчун омили дохилӣ ҳарос дошта бошанд. Яъне бароиояндаи Тоҷикистон пантуркизм на дар миёни ӯзбекону, қазоқҳо ва қирғизҳо, балки эҳтимоли эҳёи он дар шаклҳои нав дар худи ҷомеаи тоҷик хатарнок аст” [7]. Рӯйкарди мазкур амалгароёна буда, муносибати бидуни эҳсос ва зиракии сиёсиро аз мардум ва нухбагони мо талаб мекунад.

*Сеюм*, пӯшиши динию мазҳабӣ додани пантуркизм ҳам хатарнок аст, чун дар миёни тоҷикон назар ба ҳувияти миллӣ, худайниятдиҳии динию мазҳабӣ решаҳои қавӣ дорад. Ба ин нукта пажуҳишгар Б.Ҳамдам низ дар мақолаи худ ишора кардааст [8]. Яъне, дин дар сиёсати усулии давлатҳои мусалмонӣ на ба унвони низоми бовар ва арзишҳо, балки ҳамчун абзори таъсиру нуфуз истифода мегардад. Агар чунин намебуд, имрӯз рақобат миёни Эрон ва Арабистони Саудӣ, Туркия ва кишварҳои арабӣ ва ғайра ба мушоҳида намерасид.

*Чорум*, солҳои охир дар гуфтумони таҳлилгарони минтақаи Осиёи Марказӣ сухан дар мавриди вожаи “осиёимарказиасл” меравад, ки унсури ҳувиятии онро танҳо хосси мардуми туркзабон мешуморанд. Дар чунин ҳолат тоҷикон ба унвони мардуми бумии минтақа аз ин унсури ҳувиятӣ берун мемонанд. Чун агар унсурии ҳувиятии “осиёимарказиасл” корбурди сиёсӣ шавад, пас мақому ҷойгоҳи унсури форсӣ дар минтақа бояд эътироф гардад (нуктаи мазкур баррасии вижаро талаб мекунад).

*Панҷум*, дар гуфтумони баъзе таҳлилгарони минтақа, ки перомуни Осиёи Марказӣ сухан меравад, мафҳуми “мо” ва “онҳо” корбурд мешавад. Зери вожаи “онҳо” пеш аз ҳама “тоҷикон”-ро дар назар доранд, чун “мо” дар асоси унсури “туркзабонӣ” шакл гирифтааст. Агар дар сиёсати амалии давлатҳои минтақа унсури туркгароӣ афзоиш ёбад, шароити мазкур барои Тоҷикистон чолишҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, омода будан ба чандин сенарияи эҳтимолии рушди ҳамин вазъ аз аҳамият холӣ нест...

**Омили Созмони давлатҳои туркӣ (СДТ) ва Тоҷикистон**. СДТ дар асоси умумияти забонӣ, фарҳангӣ ва гузаштаи маштарак таъсис ёфта, дар доираи он "Чашмандози ҷаҳони турк - 2040" низ қабул гардидааст. Мувофиқи ин санад, боз ҳам бештар ниҳодина шудани ҳамкориҳои давлатҳои аъзо дар соҳаҳои сиёсат ва амният, иқтисод, нақлиёт, гумрук, технологияи иттилоотию иртиботӣ, энергетика, ҷаҳонгардӣ, тандурустӣ, муҳити зист, кишоварзӣ, фарҳанг, маориф ва илм, ҷавонон ва варзиш, диаспораҳо, расонаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро дар назар дорад [Ниг.: 9]. Таҳлилгарони минтақа як камбуди ин созмонро ҳузур надоштани Тоҷикистон қаламдод карда, мақоми эҳтимолии "нозир"-ии Душанберо хуб пазируфтанд. Ҳамчунин, қудратҳои беруна барои ҳамкорӣ ва машварат бо давлатҳои минтақа қолаби "+Осиёи Марказӣ"-ро рӯйи даст гирифтаанд. Туркия ҳамчун кишвари таъсиргузор дар минтақа чунин қолабро надорад, чун СДТ фарогири танҳо 4 мамлакати Осиёи Марказӣ аст. Дархости "нозир"-ӣ барои Тоҷикистон дар СДТ чӣ аҳаммият дорад ва оё лозим аст?

*Нахуст*, як рукни таъсиси СДТ умумияти забонӣ аст, ки Тоҷикистон берун аз чунин меъёр мебошад. Агар бо назардошти он ки кишвари дорои шаҳрвандони туркзабон ба ин созмон бипайвандад, ба кори он таъсире дошта наметавонад. Чун кишварҳои нозир ҳуқуқи таъсир ба қабули қарорро надоранд.

*Дуюм*, мақоми эҳтимолии нозирӣ ё узвияти Тоҷикистон ҳамон вақт натиҷабахш мешавад, ки агар ба СДТ чунин давлатҳо, аз қабили Русия, Чин, Эрон ва ғайра ҳузур пайдо кунанд, чун якҷо эҳтимоли ҳимояи мавқеъҳо имконпазир аст. Ба эҳтимоли зиёд худи Туркия ба чунин шакл гирифтани вазъ розӣ нашавад, чун ҷуғрофиёи СДТ-ро ҳамчун фазои стратегии нуфузи худ маънидод мекунад.

*Сеюм*, дархости мақоми "нозирӣ" ин эътирофи рӯйкарди Туркия нисбат ба минтақа аст, ки дар тули 30 соли охир ба мушоҳида расида, ривояти туркгароиро дар Осиёи Марказӣ бо назардошти ҳузури ҳамаи давлатҳо боз ҳам густариш медиҳад. Чунин ҳолат дар дарозмуддат ба эҳтимоли зиёд ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми Тоҷикистон мувофиқат намекунад.

*Чорум*, ривояти давлатҳои Осиёи Марказӣ аз узвият дар СДТ мухталиф буда, ҳар кадоме аз пайи манфиатҳои худ аст. Барои Қазоқистон ва Ӯзбекистон бештар масоили иқтисодӣ ва долонҳои транзитӣ аҳаммият доранд, чун ин кишварҳо то ҷойе ба чатри берунаи амниятӣ эҳтиёҷ надоранд ва густариши равобити худ бо Туркияро ҳамчун ҷойгузин ба хостаҳои Русия ва Чин метавонанд ҷилва диҳанд. Барои Қирғизистон омили узвият сараввал ҳамчун манбаи мадад ва сармоягузорӣ бошад, баъди ҳодисаҳои марзии солҳои 2021 ва 2022 ба ҳомӣ ва чатри амниятӣ мубаддал гардид. Густариши ҳамкориҳои низомӣ миёни Бишкек ва Анқара ва харидории бесарнишинҳои туркиро чунин маънидод кардан мумкин аст. Сарфи назар аз ҳамкориҳои наздики Туркия бо Туркманистон узвияти эҳтимолии Ашқобод дар ин созмон аз эҳтимол дур аст. Ҳарчанд Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, раиси Маслиҳати халқи ин кишвар зимни суханронӣ дар саммити ғайринавбатии СДТ моҳи марти 2023 дар Туркия изҳор кард, ки "умедворем бо ҳамаи шумо дар Туркманистон на ҳамчун кишвари нозир, балки ба унвони узв комили СДТ мулоқот мекунем" [10]. Чун ба сиёсати "бетарафии доимӣ" созгор нест ва падидаи мазкур ба бозбинӣ ё даст кашидан аз ин сиёсат оварда мерасонад; таҳдиду чолишҳои зиёдеро барои сиёсати хориҷӣ меофарад, зеро Ашхобод бо Теҳрон равобити наздик дорад; ва ниҳоят, татбиқи лоиҳаҳои гуногунсамткунии фурӯши газро маҳдуд мегардонад.

*Панҷум*, ба эҳтимоли зиёд густариши ҳамкориҳои дуҷониба бо давлатҳои аъзо ва нозири СДТ барои Тоҷикистон афзалтар бошад, чун бо Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон санад дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расидаанд, бо Туркия низ ҳамкориҳои наздик ба мушоҳида мерасад. Бо Қирғизистон баъди ҳаллу фасли масъалаи марзӣ ба эҳтимоли зиёд равобит одӣ ва аз рӯйи асли ҳамҷаворӣ сурат хоҳад гирифт. Дар қолаби ҳамкориҳои

дуҷониба Тоҷикистон имкони бештари ҳимояи манфиатҳои миллии худро дорад. Ҳамчунин, дар ин маврид ба назар гирифтани се нукта муҳим аст: 1) лоиҳаи геополитикии Туркия дар шакли СДТ ихтилофи ҷиддиро бо манфиатҳои роҳбурдии Русия, Чин ва Эрон дорад, чун бо назардошти иқомати дастаҷамъонаи шаҳрвандони туркзабони онҳо ба якпорчагиашон таҳдид эҷод мекунад; 2) қавӣ гардидани СДТ дар Осиёи Марказӣ ва берун мондани Тоҷикистон аз он метавонад боиси фурӯпошии минтақа ҳамчун конструкти геополитикӣ гардад. Ба чунин шакл гирифтани вазъ ҳам қудратҳои берунии дорои қолаби "+Осиёи Марказӣ" ва ҳам худи кишварҳои минтақа розӣ намешаванд, чун вижагӣ ва аҳаммияти худро аз даст медиҳанд; 3) Осиёи Марказӣ ҳамсояи иқтисоди дуюми ҷаҳон – Чин ва ҳамсояи девордарминёни иқтисоди панҷуми ҷаҳон – Ҳинд мебошад, дар чунин раддабандӣ Туркия мақоми 19 дорад. Ба эҳтимоли зиёд Пекин ва Деҳлӣ барои минтақа иқдомҳои рақобатпазир (Чин дар қолаби нав аллакай пешкаш кард)-ро пешниҳод мекунанд.

**Омили рақобат ва зиддияти қудратҳои беруна дар Осиёи Марказӣ**. Аз солҳои 90-уми асри XX Туркия ҳамчун кишвари узви НАТО пешбарандаи сиёсату роҳбурди ин иттиҳод дар минтақа шинохта мешуд. Дар даҳаи дуюми асри XXI бо боло рафтани тавонмандиҳои иқтисодӣ, Анқара сиёсатҳои худро дар Осиёи Марказӣ, ҳамчунин Афғонистон [Ниг.:11, с. 410-415] бозбинӣ кард, вале боз аз пуштибонии Амрико бархурдор аст. Давлатҳои минтақа дар даҳаи аввали худсолорӣ нахостанд Туркияро ба унвони кишвари миёнрав дар равобити худ бо давлатҳои пешрафтаи ғарбӣ қабул кунанд ва чунин рӯйкард имрӯз низ ба мушоҳида мерасад. Тавре дар боло ишора шуд, рӯйкарди Туркия дар минтақа бо манфиатҳои дигари қудратҳои ворид ба равандҳои Осиёи Марказӣ дар зиддият қарор дорад. Масалан, иқдомҳои Анқара барои роҳандозии долонҳои нақлиётӣ аз/ба Осиёи Марказӣ бо манфиатҳои Русия ва Эрон дар ин самт ихтилоф дорад, чун нуфузи онҳоро метавонад коҳиш диҳад. Роҳандозии долони интиқоли моводи сӯхт низ ба манфиатҳои роҳбурдии Русия, Чин, Эрон ва Покистон низ ихтилоф дорад, чун ҳамаи ин давлатҳо хостори истифода ва таҳти назорат гирифтани захираҳои газии Туркманистонро дар сар мепарваранд. Ҳамкориҳои низомии Туркия бо давлатҳои минтақа аз ҷониби қудратҳои беруна бо ҳассосият қабул мешавад. Аз ин рӯ, омили муҳими суботу амният дар минтақа ин амалисозии сиёсати бисёрсамтӣ ва нигаҳ доштани тавозун миёни қудратҳои беруна мебошад, чун аз ин ду рукн яке риоя нагардад, ба эҳтимоли зиёд ба бесуботӣ оварда мерасонад.

***Омили Туркия дар ҳалли масъалаи марзии Тоҷикистон ва Қирғизистон***. Аз рӯйи асли якуми равишшиносии сиёсати хориҷии Туркия "рӯйкарди "дурандешона" ба мушкилот" ин кишвар ба тамоми буҳронҳои мавҷуда аз дидгоҳи манфиатҳои худ муносибат карда, тибқи асли сеюми амали "дипломатияи сулҳҷӯёнаи фаъол ва пешгирона" миёнҷигариро барои муколамаи сиёсӣ миёни ҷонибҳои муқобил роҳандозӣ мекунад. Ҳарчанд дар мақолаи машҳури Аҳмад Довудоғлу "Сиёсати хориҷии бидуни мушкили Туркия" [Ниг.: 6] сухан дар мавриди ҳалли масъалаи марзии Тоҷикистону Қирғизистон намеравад, вале рӯйкарди туркиро метавон баррасӣ кард. Муҳимтарин вижагии рӯйкарди миёнҷигарӣ ва мудохилаи туркӣ дар кейсҳои гуногун дар он падидор мешавад, ки дар ниҳоят ба ин кишвар фоида (пеш аз ҳама иқтисодӣ) меорад. Туркия дар самти ҳамкориҳои сиёсию амниятӣ ва ҳарбӣ ва дар пайдо кардани бозор барои аслиҳаи ҳарбии истеҳсоли худ муваффақ шудааст. Дар ду низои марзие, ки миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон моҳи апрели соли 2021 ва моҳи сентяби соли 2022 ба вуқуъ пайвастанд, Туркия то андозае бетарафиро риоя накард ва кӯшиши ҷонибдории Бишкек эҳсос мешуд. Нуктаи возеҳи ин нукта, изҳороти Бағдод Амриев, муншии умумии СДТ буд, ки комилан ривояти Бишкекро такрор кард ва ҳатто зикр намуд, ки ки иқдоми ҷониби Қирғизистонро барои ҳалли мусолиҳатомези масъала ҷонибдорӣ мекунад. Ҷониби Тоҷикистон бо пахши баёния ба

якҷониба будани изҳороти муншии умумии СДТ таъкид кард, чун ӯ аз пеши худ чунин иқдом карда наметавонист. Инчунин, Туркия аз нахустин кишварҳое буд, ки омодагии худро барои барқарор кардани танҳо зерсохтори зарардидаи вилояти Бодкон баён кард. То ҷойе эҳсос мешуд, ки Туркия аз омили мушкили марзӣ миёни Душанбе ва Бишкек барои тақвияти эҳсоси умумитуркӣ истифодаи абзорӣ менамояд. Натиҷаи “мудохилаи нарм”-и Туркия ба ин масъала бо он анҷом ёфт, ки Қирғизистон бесарнишин харидорӣ ва муқобили Тоҷикистон моҳи сентябр истифода кард. Аз ин рӯ, барои Душанбе ниҳоят муҳим аст, ки равобити кишварҳои дигари минтақа бо Туркия бар зарари манфиати таъмини амният дар Тоҷикистон истифода нашавад.

***Омили таърихофарӣ барои Осиёи Марказӣ***. Китоби дарсии “Таърихи умумии туркӣ” ба барномаҳои таълимии мактабҳои Озарбойҷон ва Қазоқистон, қисман Туркия ворид шуда, дар Қирғизистон дар ҳоли баррасӣ аст. Инчунин, китобҳои дарсии “Ҷуғрофиёи ҷаҳони туркӣ” ва “Адабиёти умумии туркӣ” таҳия шудаанд. Солҳои охир иқдомҳои қудратҳои беруна барои роҳандозии истеъморзудоӣ дар минтақа ба мушоҳида мерасад ва яке аз онҳо Туркия мебошад. Ба андешаи А.Тутумлу, устоди Донишгоҳи Ховари Миёнаи Қибриси Шимолӣ дар худи Туркия мавзуи истеъморзудоии мардумони туркзабон, бо назардошти собиқаи истеъмории ин кишвар ва ҳамкориҳо бо Русия баҳсу баррасӣ намешавад. Анқара ба раванди истеъморзудоии давлатҳои худсолори Осиёи Марказӣ, бахусус ба ҳимоят аз забон, пайвандҳои фарҳангӣ ва густариши ривоятҳои таърихӣ таваҷҷуҳ хоҳад кард, то на манбаъҳои русӣ ва ривоятҳои Шӯравӣ, балки ривоятҳои таърихии умумӣ, пантуркизм ва азамати пеш аз ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Императории Русия эҳё шаванд [12]. Табиист, ки давлатҳои туркзабони Осиёи Марказӣ ба ин кишвар ҳамчун ба манбаи эҳёи ҳувияти худ нигоҳ мекунанд. Саволе ба миён меояд, ки ин ба Тоҷикистон чӣ дахл дорад? Посуххоро чунин дастабандӣ кардан мумкин аст: Нахуст, раванди азхудкунии таърихи Осиёи Марказиро ҳамчун гузаштаи туркӣ метавонад тезонад. Чунин раванд даҳсолаҳо ба мушоҳида расида, падидаи охирону чолишбарангезаш дар саммити СДТ дар Ӯзбекистон моҳи ноябри соли 2022 ба мушоҳида расид. Чун эълон шудани Самарқанд ба унвони маркази тамаддуни туркӣ ба воқеияти тамаддунӣ, таърихӣ ва ниҳоят ахлоқӣ мувофиқат намекунад ва намунаи равшани таърихнависии дурӯғин аст; дуюм, раванди “миллӣ” ва “аз худ” кардани гузаштаи фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихӣ, анъанаҳо, шахсиятҳои барҷаста, донишмандон боз ҳам густариш меёбад ва асосҳои “қалбакӣ” низ эҷод мешавад; сеюм, таърихофарии беруна, бе ба назар гирифтани воқеияти таърихӣ дар дарозмуддат низои эҳтимолиро метавонад моделсозӣ кунад. Бинобар ин, ғайриидеологию ғайрисиёсӣ кардани таърихи Осиёи Марказӣ ва ба он назар андӯхтан аз равандҳои ҷаҳонӣ муҳим мебошад. Ҳамчунин, роҳандозии пажуҳиши муштарак, таҳияи синамои ҳунарӣ ва дигар осори илмию бадеӣ лозиманд, то таърихнависӣ дар минтақа дар дасти соҳибони он бошад ва дидгоҳи ягон қудрати беруна ҳамчун “ҳақиқат” таҳмил нашавад.

**Хулоса ва пешниҳод**

Аз соли 1991 то имрӯз сиёсати усулии Туркия дар Осиёи Марказӣ тағйир наёфт, балки абзорҳои он дигар шуданд ва таҳаввул ёфтанд. Дар муддати 30 сол Анқара бо вуҷуди зиддияти баъзе давлатҳои минтақа ва бозигарони беруна сиёсати худро пиёда кард ва ниҳоят 12 ноябри соли 2021 Созмони давлатҳои туркӣ таъсис ёфт. Дастоварди муҳимми Туркия дар он зоҳир мешавад, ки пештар дар ниҳодҳои созмондодаи ин кишвар таъкид ба унсури “туркзабон” буд (масалан, Шӯрои ҳамкории кишварҳои туркзабон), вале дар номи созмони нав “туркӣ” зикр шудааст. Даст кашидан аз вожаи “туркзабон” ва рӯйи кор овардани “туркӣ” дар номи созмон бозгӯкунандаи фарогир гардидани ҳувияти туркии кишварҳои минтақа метавонад қаламдод шавад. Аз ин рӯ, сарфи назар аз ҳамёрию ҳамкории бархе қудратҳои беруна, ки аз ин кишвар истифодаи абзорӣ мекунанд (i);

хостаҳои мухталифи худи давлатҳои минтақа (ii); ва рақобату зиддияти қудратҳои беруна (iii); Туркия ҳамчун давлати собиқаи императорӣ дошта, мутобиқ ба барномаи худ амал мекунад ва ҳар фурсати муносибро барои расидан ба хостҳояш истифода хоҳад кард. Бо дарки ҳамин нукта, дар ҷамъбасти мақола чунин андешаҳо пешкаш мешаванд:

***Якум,*** дар чаҳорчӯби татбиқи сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон густариши ҳамкориҳои нек бо Туркия муҳим мебошад, чун ин кишвар ба як омили воқеӣ дар Осиёи Марказӣ табдил шудааст. Равобити ҳасана бо Анқара имконоти бештарро барои коҳиши таъсири манфии қудратҳои беруна ва эҳтимол давлатҳои ҳамсоя дар минтақа муҳайё мекунад, чун дар ҳолати баръакс натиҷаи бештари манфӣ барои Тоҷикистон дошта метавонад. Аз ин рӯ, барои Душанбе доштани барномаи дарозмуддати худии ҳамкорӣ бо Анқара муҳим аст, то манфиатҳои миллии Тоҷикистон ҳимоя ва татбиқ гарданд.

***Дуюм***, дар низоми равобит бо Туркия ба назар гирифтани омили қудратҳои дигар, бахусус Русия, Чин, Эрон, Ҳинд ва Покистон муҳим мебошад. Чун ин кишварҳо дар дарозмуддат рақиби якдигар дар паҳнои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонанд. Ба омили ИМА ва кишварҳои аврупоӣ бояд таваҷҷуҳ кард, чун онҳо тули се даҳаи охир барои пешбурди сиёсатҳои худ дар минтақа ба Туркия такя карданд ва рӯйкарди мазкур дар дарозмуддат ҳифз мешавад. Ҳарчанд равобити Туркия бо Амрико тули даҳсолаи охир ҳамвор набуд, вале ин ду кишвар дар баробари Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ хостаҳои муштарак доранд.

***Сеюм***, имрӯзҳо Озорбойҷон нақши абзори пешбарандаи сиёсатҳои Туркия дар минтақаро бозӣ мекунад, чун агар долонҳои нақлиётӣ ва интиқоли маводи сӯхт аз Осиёи Марказӣ ба самти Туркия тариқи баҳри Каспий амалӣ гарданд, ин кишвар яке аз нафъбардорон мебошад. Дар ин росто, аҳаммият додан ба сиёсат ва рӯйкарди Эрон низ муҳим аст, чун равобити Боку ва Теҳрон дар миёнамуддат беҳбуд намеёбад. Бинобар ин, таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар самти Қафқози Ҷанубӣ низ муҳим мегардад.

***Чорум***, Осиёи Марказӣ ба ҳалқаи нахустини манфиатҳои миллии Тоҷикистон ворид мешавад ва миёни кишварҳо муштаракоти зиёде мавҷуд аст. Баҳамвобастагии давлатҳо як омили муҳимми густариши ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Аз ин рӯ, тезонидани раванди ниҳодина шудани ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ барои ҳамаи давлатҳо ҳамчун болини амниятӣ метавонад хидмат кунад.

***Панҷум***, роҳандозии мактаби туркияшиносӣ ё дар умум туркшиносӣ дар кишвар аҳаммияти махсуси давлатиро касб мекунад. Чун аз замони шӯравӣ дар Тоҷикистон мактабҳои арабшиносӣ, эроншиносӣ, афғонистоншиносӣ, ҳиндушиносӣ ва урдушиносӣ мавҷуданд, ки имрӯз ҳам забоншиносию пажуҳиши сиёсию иқтисодии ин ҷуғрофиёро дар бар мегиранд. Таъсиси ниҳоди махсуси омӯзиши Туркия дар шакли алоҳида ва пажуҳиши кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин рушди таҳлилнависии сиёсати хориҷӣ дар кишвар [Ниг.: 13] бисёр муҳим аст, чун барои ташаккули шинохти дуруст аз моҳияти сиёсат, роҳбурд ва ҳадафу барномаҳои Туркия (ва дигар қудратҳои бонуфуз) дар ин марҳила мусоидат карда, дар дарозмуддат барои ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

Ниҳоят, сиёсати ҷаҳонӣ дар ҳоли таҳаввул қарор дорад ва марҳилаи ҳассоси шаклгирии худро барои мубаддал шудан ба яккутба, дуқутба ё "бисёрқутба" паси сар мекунад. Бидуни баҳс дарояндаи наздик воқеияти нави геополитикӣ дар ҷаҳон падидор мешавад ва Туркия яке аз қудратҳои муҳими минтақавӣ хоҳад буд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Ризоён Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан / Ш.Ш. Ризоён. - Душанбе: Дониш, 2020. – 320 с.*
2. *Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст). URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи дастрасӣ: 03.09.2023).*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" /23.12.2022. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи дастрасӣ: 03.09.2023)*
4. *Ризоён Ш.Ш. Дурнамои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ш.Ш. Ризоён // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2023. - №3. - С.98-106.*
5. *Муллоҷон С. Шароити таърихӣ ва заминаҳои зуҳури пантуркизм / С. Муллоҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. - №9. - С.5-18.*
6. *Ahmet Davutoglu. Turkey's Zero-Problems Foreign Policy / May 20, 2010. URL: https://foreignpolicy.com/2010/05/20/turkeys-zero-problems-foreign-policy/ (Date of appeal: 03.09.2023)*
7. *Муллоҷонов П. Як ҳафтаи ҷаҳон: Си Ҷинпин бо тарҳи сулҳ ба Маскав омад ва пантуркизм ба Тоҷикистон чӣ хатар дорад? /21.03.2023. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/world/20230320/si-tszinpin-edet-v-moskvu-s-zhestkim-mirom-i-chem-opasen-pantyurkizm-dlya-tadzhikistana (санаи дастрасӣ: 03.09.2023).*
8. *Ҳамдам Б. Ҳувияти ҷамъии туркон ва парешонии форсҳо /26.08.2023. URL: https://farazh.tj/sahifai-asosy/tarih/uvijati-jamii-turkon-va-pareshonii-forsho/ (санаи дастрасӣ: 03.09.2023).*
9. *Turkic World Vision - 2040/ News Date: 13.11.2021. URL: https://www.turkicstates.org/assets/pdf/haberler/turkic-world-vision-2040-2396-97.pdf (Date of appeal: 03.09.2023)*
10. *Национальный лидер туркменского народа, Председатель Халк Маслахаты Туркменистана принял участие во внеочередном Саммите ОТГ /16.03.2023. URL: https://russia.tmembassy.gov.tm/ru/news/112203 (дата обращения: 03.09.2023)*
11. *Ризоён. Ш.Ш., Гиёсов М.Ф. Афганистан до и после пришествия «Талибана»/ Ш.Ш. Ризоён, М.Ф. Гиёсов. - Душанбе: Дониш, 2023. – 508 с.*
12. *О Турции, неоттоманской миссии Эрдогана, тюркских народах и деколониальности / 10.04.2023. URL: https://www.caa-network.org/archives/24793/o-turczii-neo-ottomanskoj-missii-erdogana-tyurkskih-narodah-i-dekolonialnosti (дата обращения: 03.09.2023)*
13. *Ризоён Ш.Ш. Политическая аналитика и устойчивое развитие Таджикистана / Ш.Ш. Ризоён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - №7. - С.310-322.*


### *REFERENCES:*


1. *Rizoyon, Sh.Sh. (2020) National Interests in the Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. Dushanbe: Donish. -320pp.*
2. *Concept of the Foreign Policy of the Republic of Tajikistan (Approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan on 27 January 2015, №332) URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (Date of appeal: 03.09.2023)*
3. *Message of the President of the Republic of Tajikistan, H.E. Emomali Rahmon "On Major Dimensions of Tajikistan's Foreign and Domestic Policy" /23.12.2022. URL: http://president.tj/node/29823 (Date of appeal: 03.09.2023)*

4. *Rizoyon Sh. Sh. Prospects for Expanding Tajikistan's Foreign Policy // Proceedings of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of The National Academy of Sciences of Tajikistan -2023. - No.3. -PP.98-106.*
5. *Mullojon S. Historical Background and Manifestations of Pan-Turkism //Bulletin of The Tajik National University. -2018. -No.9. -PP.5-18.*
6. *Ahmet Davutoglu. Turkey's Zero-Problems Foreign Policy / May 20, 2010. URL: https://foreignpolicy.com/2010/05/20/turkeys-zero-problems-foreign-policy/ (Date of appeal: 03.09.2023)*
7. *Mullojonov P. The World in a Week: Xi Jinping goes to Moscow with a Tough World and What is the Danger of pan-Turkism for Tajikistan? /21.03.2023. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/world/20230320/si-tszinpin-edet-v-moskvu-s-zhestkim-mirom-i-chem-opasen-pantyurkizm-dlya-tadzhikistana (Date of appeal: 03.09.2023)*
8. *Hamdam B. The Collective Identity of the Turks and the Disunity of the Persians /26.08.2023. URL: https://farazh.tj/sahifai-asosy/tarih/uvijati-jamii-turkon-va-pareshonii-forsho/ (Date of appeal: 03.09.2023)*
9. *Turkic World Vision - 2040/ News Date: 13.11.2021. URL: https://www.turkicstates.org/assets/pdf/haberler/turkic-world-vision-2040-2396-97.pdf (Date of appeal: 03.09.2023)*
10. *The National Leader of the Turkmen People, Chairman of the Halk Maslahaty of Turkmenistan took part in the extraordinary Summit of the OTS /16.03.2023. URL: https://russia.tmembassy.gov.tm/ru/news/112203 (Date of appeal: 03.09.2023)*
11. *Rizoyon Sh. Sh., Giyosov M. F. (2023) Afghanistan Before and After the Advent of the Taliban. Dushanbe: Donish. -508pp.*
12. *About Turkey, Erdogan's neo-Ottoman mission, Turkic peoples and decolonization / 10.04.2023. URL: https://www.caa-network.org/archives/24793/o-turczii-neo-ottomanskoj-missii-erdogana-tyurkskih-narodah-i-dekolonialnosti (Date of appeal: 03.09.2023)*
13. *Rizoyon Sh. Sh. Political Analysis and Sustainable Development in Tajikistan// Bulletin of The Tajik National University. Series of Economic and Social Sciences. -2020. -No.7. -PP.310-322.*